آوازتاجیک

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

5 феврали соли 2025 Чоршанбе

№ 11 (15126)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## САФАРИ ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН БА МАЛАЙЗИЯ ОҒОЗ ЁФТ

***Бо даъвати Сарвазири Малайзия Анвар Иброҳим Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 4 феврал бо сафари расмӣ ба ин кишвар омад.***



Дар фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Куала-Лумпур сарвари давлати моро спикери Палатаи намояндагони Парлумони Малайзия Ҷоҳарӣ бин Абдул, вазири таълими олӣ Замбрӣ Абдул Қодир ва дигар шахсони расмӣ истиқбол гирифтанд.

Ба ифтихори омадани роҳбари Ўзбекистон қаровули фахрӣ саф кашида, парчамҳои давлатии ҳар ду кишвар афрохта шуданд.

Президенти кишвари мо дар фурудгоҳ бо раиси Парлумони Малайзия мулоқот анҷом дод. Дар ин вохўрӣ оид ба рўзномаи мулоқотҳоиояндаи сатҳи олӣ мубодилаи афкор сурат гирифт.

Ба ҳамкории минбаъдаи фаъол ва мубодила дар самти парлумонӣ, ташкили сафарҳои дуҷониба ва чорабиниҳои гурўҳҳои дўстӣ, роҳандозии ҳамкориҳои амалӣ дар масъалаҳои фаъолияти эҷоди қонун ва мусоидат ба татбиқи барномаҳои муҳими сармоягузорӣ, инфрасохторӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиву гуманитарӣ таваҷҷуҳи махсус дода шуд.

Чорабиниҳои асосии барномаи сафари расмӣ 5 феврал баргузор мешаванд.

Президенти Ўзбекистон ва Сарвазири Малайзия музокироти сатҳи олӣ доир намуда, дар форуми тиҷоратии Ўзбекистону Малайзия иштирок мекунанд.

Дар натиҷаи ин мулоқотҳо имзои чанд ҳуҷҷати байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ дар назар аст.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

*Муносибат*

## ТАРТИБИ НАВИ ПАРДОХТИ ХАРҶИ БОЗОМЎЗИИ КАСБУ ҲУНАР РОҲАНДОЗӢ МЕШАВАД

***Барои пардохти хароҷоти омўзиши касбу ҳунар ба аъзои оилаҳои камбизоат низоми ваучер ҷорӣ мегардад.***

Дар кишвар солҳои зиёд камбизоатӣ мавзўи пўшида боқӣ монда буд. Ба ҷойи ин мафҳум мо бештар истилоҳи “камтаъмин”-ро истифода мебурдем. Аммо бо шарофати сиёсати ошкорбаёнии ҳашт соли охир ҳақиқат ба рўи об баромад.

Аз соли 2016 низоми нави кор бо мардум ба роҳ монда шуд, ки қадр ва манфиатҳои инсонро ҳадафи асосии ислоҳот қарор дод. Мавҷуд будани камбизоатӣ дар ҷомеа зикр гардида, барои коҳиш додани он низоми мушаххас ба амал ҷорӣ карда шуд.

Мақсади ниҳоии ислоҳотҳо таҳти роҳбарии Президент коҳиш додани камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи некўаҳволии мардум тавассути арҷгузорӣ ба қадри инсон мебошад. Ҳоло барои беҳтар кардани сатҳи зиндагии мардум ва розигии аҳолӣ корҳои бузург амалӣ мегарданд.

Бо мақсади густариши барномаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, раҳосозии оилаҳо аз вазъиятҳои душвори зиндагӣ ва расонидани кумаки ҳадафманд ба оилаҳои камбизоат Агентии миллии ҳифзи иҷтимоӣ таъсис дода шуд.

Дар муддати кўтоҳ барномаи миллӣ оид ба кам кардани камбизоатӣ таҳия гардида, имрўз он пайгирона татбиқ мешавад. Ба шарофати тадбирҳои саривақтӣ сатҳи камбизоатӣ дар кишвар аз 17 фоизи соли 2021 то 11 фоиз дар соли 2023 коҳиш ёфт.

Қарори Президенти кишвар аз 17 январи соли 2025 «Дар бораи чорабиниҳо оид ба таъмини шуғли аҳолӣ ва коҳиш додани камбизоатӣ дар соли 2025» барои таъмини шуғли мардум, ташкили ҷойҳои кории сердаромад ва коҳиш додани камбизоатӣ аҳамияти калон дорад.

Тибқи ин ҳуҷҷат, дар доираи барномаи таъмини аҳолӣ бо меҳнати даромаднок дар соли 2025 шуғли 5,2 миллион шаҳрванд таъмин хоҳад шуд. Аз ҷумла, бо роҳи дастгирии молиявии соҳибкорон, ҳалли мушкилоти онҳо ва тавсеаи фаъолияташон 1 миллиону 470 ҳазор шахси бекор ба ҷойҳои холии корӣ ҷалб шуда, 430 ҳазор ҷойи корӣ таъсис меёбад. Ҳамчунин, дар ҳар маҳалла ба ҳисоби миёна 40 микролоиҳа, дар маҷмўъ 377,6 ҳазор микролоиҳа татбиқ гардида, 755 ҳазор ҷойи корӣ эҷод мешавад.

Дар доираи лоиҳаи «Маҳалла» тавассути ҷорӣ кардани маҳсулоти нави қарзӣ барои маблағгузории лоиҳаҳо бо тартиби соддакардашуда 250 ҳазор нафар, бо роҳандозии лоиҳаҳои «драйвер» дар минтақаҳо 122 ҳазор нафар, дар доираи барпо кардани марказҳои микросаноат 21 ҳазор нафар ва бо иҷора додани қитъаҳои замин ба аҳолӣ, аз ҷумла тибқи тамоюли «ширкат – кооператив – хоҷагии деҳқонӣ» ташкил кардани кооперативҳо 300 ҳазор нафар шаҳрванд бо меҳнати даромаднок таъмин мешаванд.

Ҳамчунин, тавассути ташкили истифодаи самараноки заминҳои наздиҳавлигӣ, дастгирии хоҷагиҳои фермерӣ ва деҳқонӣ 1 миллиону 169 ҳазор нафар, дар асоси лоиҳаҳои сармоягузорӣ 290 ҳазор нафар ва бо татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи сохтмон 169 ҳазор нафар бо ҷойи кори сердаромад таъмин мегарданд.

Аён аст, ки бо роҳи тақдими кредит ё тақсими пул коҳиш додани камбизоатӣ ғайриимкон аст. Аз ин рў, то 1 майи соли 2025 дар кишвар низоми ваучер ҷиҳати пардохти хароҷоти омўзиши аъзои хонаводаҳои камбизоат ба касбҳои гуногун ҷорӣ карда мешавад. Аз 1 феврали соли 2025 стипендияҳое, ки барои омўзиши касбу ҳунар ҷудо мегарданд, ба шахсони дорои маъюбият ва афроди бекоре, ки узви оилаҳои дар Реестри хонаводаҳои камбизоат сабтшуда ҳастанд ва ба курсҳои омўзишии зиёда аз 3 моҳа қабул шудаанд, пардохт карда мешаванд.

Ин низом дар марҳилаи аввал аз 1 феврал дар вилояти Самарқанд ва шаҳри Тошканд аз озмоиш гузаронда мешавад. Ҳамзамон, дар маҳаллаҳо барои баланд бардоштани завқ ва ташаббуси аъзои оилаҳои камбизоат ба кор лоиҳаҳои «Қадами аввал ба зиндагии фаровон», «Ишонч» ва барномаи «Коҳиши камбизоатӣ тавассути маърифат» амалӣ карда мешаванд.

Бояд гуфт, ки ҳуҷҷат барномаи таъмини аҳолӣ бо меҳнати даромаднокро дар соли 2025 ва нишондиҳандаҳои мақсадноки онро низ тасдиқ мекунад. Бо мақсади дастгирии молиявии татбиқи барнома 126 триллион сўм равона карда мешавад. Ин, дар навбати худ, ба таъсиси ҳазорҳо ҷойи нави корӣ, беҳтар кардани фазои соҳибкорӣ ва муҳимтар аз ҳама, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва афзоиши даромади воқеии мардум мусоидат мекунад.

Дар маҷмўъ, аз вазифаҳои дар қарор муайяншуда бармеояд, ки роҳбари давлат дар роҳи коҳиш додани камбизоатӣ таъмини рушди фарогири иқтисодӣ, тақсими баробари дастовардҳои иқтисодӣ миёни мардум ва баҳраманд гардидани қишрҳои осебпазири аҳолиро ҳадаф қарор додааст. Танҳо чунин роҳ ба натиҷаҳои самарабахш хоҳад овард.

**Анвар НУРМАТОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

## НАМОИШИ ИҚТИДОРИ САЙЁҲИИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР МАЛАЙЗИЯ

***Дар иёлати Пенанги Малайзия Форуми сайёҳии Ўзбекистон ва Малайзия таҳти унвони «Ўзбекистон – марвориди Роҳи бузурги абрешим» баргузор шуд.***

Дар форум оид ба иқтидори сайёҳӣ, ёдгориҳои таърихӣ, мероси фарҳангӣ ва табиии Ўзбекистон тақдимот доир гардид ва ба аҳамияти фарҳангӣ ва таърихии маконҳои сайёҳии Ўзбекистон, аз ҷумла шаҳрҳои Шаҳрисабз, Самарқанд, Бухоро, Хива ва дигар диққати махсус дода шуд.

Дар доираи мулоқотҳои «B2B», ки бо иштироки беш аз 100 намояндаи соҳаи сайёҳии ду кишвар баргузор гардид, байни ширкатҳои сайёҳии Ўзбекистон ва Малайзия робитаҳои тиҷоратӣ барқарор гардида, имкониятҳои ҳамкорӣ баррасӣ ва созишномаҳои мутақобила барои афзоиши ҷараёни сайёҳон имзо шуданд.

Намояндагони ширкатҳои сайёҳии Малайзия инчунин бо иншооти нави сайёҳӣ, инфрасохтори таҷдидёфта ва ёдгориҳои фарҳангие, ки солҳои охир дар Ўзбекистон бунёд шудаанд, тавассути намоиши аксҳои «Ўзбекистони Нав», ки дар чорчўби форум ташкил гардид, шинос шуданд.

Ба меҳмонони чорабинӣ барномаи фарҳангӣ бо суруд, мусиқӣ ва рақсҳои миллӣ, ки фарҳанг ва анъанаҳои бой ва рангоранги кишвари моро инъикос мекарданд, намоиш дода шуда, таомҳои миллӣ пешкаш гардиданд.

Форум дар рушди робитаҳои сайёҳии байни Ўзбекистон ва Малайзия ва боз кардани имкониятҳои нав барои ҳамкории мутақобилан судманд қадами муҳим гардид.

## ҲАМКОРӢ ДАР СОҲАИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ ВУСЪАТ МЕЁБАД

***Дар Малайзия форуми аввалини Ўзбекистон – Малайзия дар мавзўи “Имкониятҳо ва ташаббусҳо дар соҳаи таҳсилоти олӣ барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор” баргузор гардид.***

Дар маросими ифтитоҳи форум вазири таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсияи Ўзбекистон Қунғиротбой Шарипов ва вазири таҳсилоти олии Малайзия Замбри Абдул Қадир суханронӣ намуда, таъкид карданд, ки миёни ду кишвар дар соҳаи таҳсилоти олӣ ҳамкории устувор ба роҳ монда шудааст.

Ҳамчунин, тарафҳо зарурати тавсеаи минбаъдаи робитаҳо байни муассисаҳои таҳсилоти олӣ, рушди барномаҳои мобилии академӣ, татбиқи барномаҳои муштараки таълимӣ ва густариши тадқиқоти илмиро қайд карданд.

Барномаи консертии санъаткорони Ўзбекистон ва Малайзия ба чорабинӣ шукўҳи идона бахшида, барои шиносоии бештар бо фарҳанги ду кишвар замина фароҳам овард.

Дар ҷараёни форум мутахассисони соҳа маърўзаҳо намуда, ҷиҳати тавсеаи ҳамкории дуҷониба як қатор ташаббусҳо пешниҳод карданд.

**М. ТОШҚОРАЕВА,**
**мухбири ЎзА.**

*Мавзўи рўз*

## БАҚАЙДГИРИИ ЗАМИН ИДОМА ДОРАД

***Кадастри замин як раванди муҳими идоракунии захираҳои замин мебошад, ки барои ҷамъоварӣ, тасниф ва нигаҳдории маълумот дар бораи истифодаи замин ва ҳолати он дар як минтақа ё кишвар истифода мешавад. Ин системаи иттилоотӣ ба мақсадҳои гуногун, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқи моликият, таҳияи сиёсати истифодаи замин ва таъмини рушди устувор равона шудааст, ки барои пешбурди корҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва экологӣ муҳим мебошад.***

Чуноне ки дар нишасти матбуотӣ аз ҷониби роҳбарияти Агентии кадастр маълумот дода шуд, имрўзҳо барои таъмини бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба амволи ғайриманқул, пешгирии худсарона азхуд намудани қитъаҳои замин, ошкор ва бартараф кардани вайронкунии қонунгузории замин аз системаи иттилоотии автоматии «E-YER NAZORAT», ки Агентии кадастр таҳия кардааст, самаранок истифода бурда мешавад. Ин барнома ба коғазбозии зиёдатӣ барҳам дода, мўҳлати бартараф кардани ҳуқуқвайронкуниҳоро коҳиш дод ва суръати мубодилаи ҳуҷҷатҳои байниидоравиро зиёд кард. Он ҳамчунин ба коршиносон имкон медиҳад, ки бо истифода аз аксҳои кайҳонӣ ҳолати заминро назорат ва қонуншиканиҳои сохтмонро барвақт ошкор кунанд.

Аз 1 майи соли гузашта бори аввал системаи ҷумҳуриявии бақайдгирии заминҳои кишоварзӣ ба роҳ монда шуд. Имрўзҳо мутахассисони Агентии кадастр на танҳо заминҳои кишоварзӣ, балки тамоми қитъаҳои замин ва объектҳои амволи ғайриманқулро ба қайд гирифта, онҳоро ба геопортали махсус ворид мекунанд.

Бо мақсади иҷрои қарор «Дар бораи эътироф намудани ҳуқуқи қитъаҳои замини худсарона ишғолшуда ва биною иншоотҳои дар он сохташуда» тибқи ҷадвали нақшавӣ аз ҷониби Палатаи давлатии кадастри вилояти Тошканд дар солҳои 2024-2025 дар 558 маҳалла барўйхатгирии аҳолӣ ба нақша гирифта шудааст. Ҳоло дар 115 маҳалла корҳои бақайдгирӣ идома дорад, 2264 объект барои муҳокима ба ташкилотҳои дахлдор тавассути барномаи «Эътироф» фиристода шудааст.

Инчунин дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои назоратӣ дар ҳудуди пойтахти кишвар аз ҷониби Агентии кадастри шаҳри Тошканд ва шуъбаҳои ноҳиявии он дар соли 2024 дар 3 ҳазору 609 ҳолат худсарона ишғол намудани 87,6 гектар замин ошкор карда шуданд. Дар асоси дастури хаттӣ оид ба рафъи ин ҳолатҳо 1678 ҳодисаи вайронкунии 18 гектар замин аз ҷониби шаҳрвандон ихтиёран бартараф карда шуд.

Раёсати Палатаи давлатии кадастри шаҳри Тошканд ба ҳалли мусбати масъалаҳои марбут ба соҳа аз ҷониби шаҳрвандон ва соҳибкорон аҳамияти калон медиҳад. Имрўзҳо зиёда аз 10 намуди хидматрасонии кадастрӣ ба аҳолӣ роҳандозӣ шудааст. Муроҷиатҳо аз ҷониби марказҳои иттилоотӣ ва Хадамоти ягонаи интерактивии давлатӣ қабул ва амалӣ мешавад. Мутобиқи низом «Дар бораи тартиб додани қитъаҳои замин барои соҳибкорӣ ва фаъолияти шаҳрсозӣ дар асоси моликият ва ҳуқуқи иҷора тавассути музоядаҳои электронии онлайн» дар давоми соли 2024 дар ҳаҷми умумии 2800 (290,2 гектар) қитъаҳои замин, барои мувофиқа бо ташкилотҳои ваколатдор ба ҳайати системаи автоматикондаи «Yerelektron» дохил гардида, аз он 458 қитъаи замин (123 гектар) ба музоядаи электронии онлайн гузошта шудааст.

Аз моҳи январи соли 2025 бо истифода аз барномаи «Uzkad» аз 43 ҳазору 467 гектар майдони замин ба 11,5 ҳазор гектари он харитаи электронӣ тартиб дода шудааст. Тибқи қонун, дар соли 2024 дар 146 маҳаллаи пойтахт корҳои барўйхатгирӣ гузаронида шуда, то охири соли 2025 дар 245 маҳалла гузаронидани бақайдгирии амволи ғайриманқул дар назар аст.

**М. МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

## СИФАТИ МАҲСУЛОТ ЗЕРИ НАЗОРАТ АСТ

***Имрўзҳо дар кишварамон баҳри дастгирии субъектҳои соҳибкорӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид ба онҳо, инчунин барои беҳтар намудани инфрасохтори сифат корҳои назаррас амалӣ мешаванд.***

Маркази илмӣ-санҷишӣ ва назорати сифати назди Агентии аз ҷиҳати техникӣ ба танзимоварӣ бо мақсади сарҳисоби корҳои соли гузашта ва нақшаҳои соли ҷорӣ таҳти мавзўи «Зарурияти такмили санҷиши маҳсулот ва модернизатсияи лабораторияҳо» дар маркази матбуоти миллӣ анҷумани матбуотӣ ташкил намуд.

– Тавассути ҷорӣ намудани стандартҳои байналхалқӣ беҳтар намудани сифати маҳсулот, баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо, таъмини бехавфӣ ва васеъ гардондани намуди хидматҳои давлатии интерактив ба субъектҳои соҳибкорӣ аз вазифаҳои муҳими марказ ба ҳисоб меравад, – гуфт раиси садорати техникии баҳодиҳӣ ба маҳсулоти марказ Алишер Додоев. – Дар давоми соли 2024 бо мақсади ба талаботи аккредитатсия мувофиқ намудани лабораторияҳои санҷиш, васеъгардонии соҳа 19,5 млрд. сўмина воситаҳои зарурӣ харид гардид.

Таъкид гардид, ки соли сипаришуда аз ҷониби лабораторияҳои санҷишӣ 229 маҳсулоти бесифат аниқ шуда, аз он 45-тоаш марбути соҳаи истеҳсолӣ (мебел), 56 барқӣ, 12 полимерӣ, 5-тоаш саноати сабук, 99 хўрокворӣ, 10 бозичаҳои пластмассагии бачагона мебошанд, ки истифодаи онҳо нолоиқ дониста шудааст. Лабораторияҳои санҷишӣ дар давоми сол 75130, аз он ба идораи ҳифзи ҳуқуқ 558 баённома расмӣ намудааст.

– Дар лабораторияҳои мо ба ғайр аз маҳсулоти дохилии кишвар маҳсулоте, ки аз хориҷ ворид мегарданд, аз санҷиш гузаронида мешаванд, – гуфт муовини директори марказ Ғайратҷон Ғозиев. – Масалан, якчанд маҳсулоти ҳавосардкунии гуногунтамғаи маблағашон аз 540 то 2050 долларина, 2 лифти нархаш 21000 долларинаи Чин ва 110 дона асбоби сўхторхомўшкунии маблағаш 649 долларинаи Русия ба истифода нолоиқ дониста шуд.

Ба мақсади расмӣ гардондани маҳсулоти корхонаҳои содиротӣ мувофиқи тамғаи CE-и Иттифоқи Аврупо бо 60 корхона корҳои хидматрасонӣ бурда, ба 19 корхона сертификати тамғаи CE расмӣ гардонда шуд. Ба 2511 корхонаи дорои салоҳияти воридотии ҳудудҳо ёрии амалӣ ва маслиҳатҳо дода шуд.

**Г. КАБИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

Соҳибкорӣ



# ЗАМБӮРУҒ МАҲСУЛОТИ СЕРҒИЗО ВА СЕРДАРОМАД

**_Дар маҳаллаи «Какан»-и ноҳияи Шӯрчии вилояти Сурхондарё 786 хонадон зиндагӣ мекунанд. Аҳолӣ 4653 нафарро ташкил медиҳад. Шуғли асосии мардуми маҳалла деҳқонӣ ва чорводорӣ аст. Дар он 42 гармхона мавҷуд. Соли 2024 бо мақсади ривоҷ додани соҳаи деҳқонӣ ба 33 хонадон вомҳои имтиёзнок дода шуданд. Деҳқонони меҳнаткаш ва чашмикордон аз ин маблағҳо самаранок истифода бурда, бештар ба сохтани гармхонаҳо пардохтанд._**

Айни замон дар маҳалла дар доираи иҷрои дастури «Аз нодорӣ ба ҳаёти фаровон» парвариши замбӯруғ, ки аз маҳсулоти серғизо ва сердаромад ба шумор меравад, ба роҳ монда шудааст.

– Дар 5 хонадони маҳаллаамон парвариши навъи «вешенка»-и замбӯруғро ба роҳ мондем, – мегӯяд ёрдамчии ҳокими ноҳия Муҳаммад Шойқулов. – Ин навъи замбӯруғ хеле фоиданок ва аз модаи сафеда ғанӣ аст. Харидораш низ бисёр. Он дар 27-28 рӯз ба ҳосил даромада, дар муддати каме беш аз як моҳ пурра пухта мерасад. Дар як халтае, ки 2 килограмм шелуха меғунҷад, тухмҳои замбӯруғ ба ҳисоби миёна 10-12 килограммӣ ҳосил медиҳанд. Ҷиҳати афзалиятнокии парвариши ин маҳсулот он аст, ки маблағи кам харҷ мегардад, дар як сол 4-5 маротиба ҳосил гирифтан мумкин аст.

Бартарияти дигари навъи «вешенка» дар ҳама мавсими сол имконпазир будани парвариши он мебошад. Замбуруғи ин навъ дар халтаҳои полиэтиленӣ парвариш карда мешавад.

– Дар замини наздиҳавлиамон картошка ва дигар сабзавот кишт мекунем, дар гармхона бошад, ҳар гуна кабудӣ парвариш менамоем, – мегӯяд Насиба Эшонқулова. – Ба қарибӣ нафаре, ки ба оилаи мо вобаста карда шудааст, ба мо 50 дона халтачаи махсуси аз тухми замбӯруғ пуршударо расонд. Бо маблағи воми имтиёзнок гармхона ҳам сохта доданд. Мутасаддиён ҳар доим аз мо хабар гирифта, муаммоҳоямонро мешунаванд ва барои бартараф кардани онҳо аз наздик ёрӣ медиҳанд. Ду нафар фарзандамонро хонадор кардем, 5 нафари дигар дар мактаб таҳсил доранд. Деҳқонӣ ба обод ва серу пур гардидани зиндагиамон мусоидат мекунад. Дар оянда парвариши замбӯруғро мукаммал омӯхта, дар гармхонаи назди ҳавлиамон низ замбӯруғ парвариш карданием.

Мардуми маҳаллаи «Какан» мақсад доранд, ки аз замбӯруғ ҳосили дилхоҳ ба даст оварда, даромади оилаи худро афзун намоянд. Ин ташаббус аллакай натиҷаҳои дилхоҳи худро медиҳад.

**Нигина ШОЕВА,**
_ноҳияи ШӮРЧИИ вилояти СУРХОНДАРЁ._

# ЗАНЕ, КИ ҶАҲОНРО ДАР ҲАЙРАТ ГУЗОШТ

## _ё худ чанд сухан дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Дилором Йӯлдошева_

Одамизод дорои хислатҳои гуногун аст. Якеро мебинӣ, ки бо ду дасту пойи барҷо бекориро ихтиёр кардаасту аз зиндагӣ рӯзу шаб менолад ва ношукрӣ мекунад, дигаре бошад, ҳарчанд имконияташ маҳдуд аст, бемору маълул ва зери фишорҳои сахти зиндагӣ қарор дорад, вале барои ҳаёт талош меварзад, бо ҳисси шукрона умр ба сар мебарад.

Дар соли сипаришудаи 2024 нашри BBC рӯйхати 100 нафар занони дунёро эълон намуд. Ба ин рӯйхат аслан занони машҳури дунё, ки соҳиби иқтидорҳои бузург ҳастанд – дорандагони мукофоти Нобел, санъаткору актёрҳои варзида, варзишгарони муваффақ, намояндагони бузурги илму фан, кашфиётчиёни беназир ва ғайра шомил мешаванд. Вале ғайричашмдошт дар рӯйхати соли гузашта дар қатори ин гуна ашхос занони руҳбахшанда, таъсиргузор низ дохил карда шуд, ки як нафар бонуи одии ӯзбекистонӣ – Дилором Йӯлдошева низ ба он шомил гардид. Дилором занест, ки имконияташ маҳдуд бошад ҳам сабру бардошт ва ташаббусу ҳаёти ибратангезаш боис шуд, ки ба ин рӯйхати бонуфуз шомил шавад. Дар бораи ҳаёту роҳи тайнамудаи ӯ аз тарафи Вазорати адлия низ филми мустанади «Матонат» тайёр карда шудааст, ки он мухлисонро бефарқ нагузошт...

### АГАР ХОҲӢ, КИ БИТВОНАМ

Дилором Йӯлдошева зодаи яке аз деҳаҳои дурдасти ноҳияи Деҳнав буда, дар синни 40 қарор дорад. Ҳаёту саргузашти ӯ намунаи ибрат аст.

Соли 2022. Мавсими дарави ғалла. Одатан мардуми деҳот ҳини дарави ғалла ҳама худро ба саҳро мезананд то ки барои чорвои худ хасу хошок ҷамъоварӣ намоянд. Дилором, ки устухонаш бо меҳнат сахт шудааст, он рӯз низ бо фарзандонаш пайи ҷамъоварии хошок дар саҳро меҳнат мекард. Охир ин якду рӯз дар саҳро меҳнат накунӣ, барои чорво аз куҷо озуқа пайдо месозӣ ва рӯзгорро меҷунбонӣ?! Дар деҳот шуғли асосӣ ва даромад ҳам замину чорво аст. Илова бар ин оила калон, даромад кам. Фақат нигарони музди меҳнати саробони оила – шавҳар шудан ҳам аз рӯи инсоф нест.

Пӯшида нест, ки ҳини дарав ба ҳаракати комбайнҳо ҳам нигоҳ накарда, ҳама хурду калон ба замини даравшуда худро мезананд, то ки аз насиба бебаҳра намонанд. Ҳамин ҳангом аз саросемагӣ ва беэҳтиётӣ домани халати дарозаш ба комбайн дармемонад ва ду пойи ӯро бо худ кашида мебарад. Дар як миҷҷа задан ӯ аз ду пойи худ маҳрум мешавад. Ин воқеаи мудҳиш барои ӯ ва аҳли оилааш беҳад фоҷиаи вазнин буд. Охир 37 сол бо ин пойҳои равони худ гаштугузор намуд. Мактаб рафт, дар тӯйу тамошо, бозору дигар ҷойҳо сайругашт намуд. Бо ҳамин пойҳояш ба саҳро рафта, меҳнати ҳалол намуд, барои аҳли оилааш ризқу рӯзӣ пайдо кард. Табиист, ки ӯро ноумедиҳо якбора ба гирдоби худ кашиданд. Зеро аз як тараф аз ду по маҳрум шуда бошад, аз дигар тараф аз аҳволи оилааш, ки аз ҷиҳати моддӣ камбизоат маҳсуб меёфту маҳз ҳамин ҳолати ночорӣ боиси ба фоҷиа рӯ ба рӯ шуданаш гардида буд, қалби ӯро реш-реш мекард. Боз барои табобат маблағ ҳам лозим буд. Андешаи ташвишу ояндаи фарзандон, пеш бурдани зиндагии рӯзмарра, табобати худ ӯро рӯзу шаб ором намегузошт. Тӯли як соли сипаришуда, ки хеле вазнин буд, барояш имтиҳони ҳаёт гардид.

– Муддати як сол ба худ наомадам, – мегӯяд қаҳрамони мо. – Рӯзҳо на сар доштанд на поён. Аз субҳ то шоми тӯлонӣ дар гирдоби фикру хаёл ғарқ будам. Аммо баъдтар фаҳмидам, ки ба оилаам, фарзандонам даркорам. Ба ман хоҳиши ҳаракат кардан, рӯзгор ҷунбонидан пайдо шуд.

Бале, қаҳрамони мо баҳри ҳаёт часпу талошро ихтиёр намуд.

Ба қавли шоир:

_Агар хоҳӣ, ки битвонам,_
_бирав дарнеҳ, ки битвонӣ,_
_Агар хоҳӣ, ки натвонам,_
_бирав биншин, ки натвонӣ._

Бо инояти Яздони пок як шарораи умед дар қалбаш пайдо шуду ӯро ба ҳаёти нав баргардонид. Дар муҳити хона бошад ҳам, бояд ба коре даст зад. Пас чӣ бояд кард?

– Дар айёми наврасиам ба дӯзандагӣ шавқи баланд доштам, – мегӯяд Дилором. – Баъди ба як оилаи калон арӯс шуда омадан маҷбур шудам, ки касби дӯзандагиро мавқуф гузорам. Зеро кори рӯзгор, хидмати хушдоман, тарбияи фарзандон имкон намедод, ки бо касби дӯстдоштаам шуғл варзам. Даромади асосии оила, ки аз саҳро меомад, ман ҳам худро ба кори саҳро задам.

Гумон надошт, ки либосҳое, ки ӯ медӯзад, манзури ҳамсоязанҳо, духтарони хешу бегона мегардад. Бубинед, ки дар як муддати кӯтоҳ овозаи либосҳои дӯхтаи ӯ дар деҳа ва берун аз он паҳн шуд.

Дертар як дӯкони хурди дӯзандагӣ кушод.

– Дар фасли саратон дар ҳавои гарму тафсон занону духтарони саҳроро пеши чашмонам овардам, – ёдоварӣ мекунад Дилором. – Ба ёдам расид, ки худи ман ҳам дирӯзакак мисли онҳо кори вазнини саҳроро ба дӯш доштам. Бо машаққат меҳнат карда, пули ночизе пайдо мекардем. Аз дил гузаронидам, ки оё намешавад онҳо низ дар хонаҳои шинаму салқин нишаста ба касбу коре шуғл варзанд, то ки ба оилаашон бештар нафъ расад.

Дилором хабар ёфт, ки бо ташаббуси Вазорати адлия лоиҳаи иҷтимоӣ-ҳуқуқии «Имкон» ташкил шудаасту дар ноҳия низ филиали он фаъолият мекунад. Вазифаи ин лоиҳа ба ҷавонон касбу ҳунар омӯхтан буд ва Дилором дар он ширкат варзида, донишу таҷрибаи худро дар соҳа такмил дод. Аз имтиёзу имкониятҳои фароҳамовардаи давлат самаранок истифода бурда, ба кушодани мактаби дӯзандагӣ ва сехи дӯзандагӣ муваффақ гардид. Дар аввал духтарони ҳамсоя, баъд ҷавондухтарони маҳалла ва берун аз он хабар ёфта ба мактаб меомадагӣ шуданд. Ӯ то ин муддат қариб ба 50 нафар ҷавондухтарон касби дӯзандагиро омӯхт.

Мактаби дӯзандагии Дилором ба як мактаби касбу ҳунар табдил ёфт.



– Баъди хатми мактаб ҳама имкони дар мактаби олӣ хонданро надоранд, лекин ин ҷавондухтарон маҷбур ҳам нестанд, ки ба саҳро баромада кор кунанд. Беҳтараш ҳунар омӯзанд, дар хона ҳам нишаста ба оила даромад кардан мумкин, – мегӯяд Дилором.

Дар ин миён фаъолияти пурсамар ва ғайрату шуҷоати ӯро дида, бо ёрдами фаъолони маҳалла ба ӯ мошини замонавии дӯзандагӣ тақдим карда шуд. Як муддат пеш агар худаш дӯзандагӣ карда дар як моҳ якуним миллион даромад карда бошад, даромади кунунии худи ӯ дар як моҳ ҳоло зиёда аз 15 миллионро ташкил мекунад.

### НОГИРОӢ ВА ФИРЕБИ НАЗАР

Як чиз қалби пурҷароҳати ӯро бисёр ба фишор меорад. Баъди ногиро шудан шоҳиди бисёр воқеаҳо гардид. Буданд баъзе мутасаддиёне, ки ба аёдаташ меомаданду бо ӯ якҷоя сурат мегирифтанд, ваъдаҳои хушку холӣ ҳам дода бармегаштанд. Ӯ дарк намуда буд, ки ин муносибати эшон на ғамхорӣ аст, балки танҳо барои фиреби назар мебошаду тавассути он суратҳо ба раҳбарони болоӣ «ғамхориҳои нишондодаи хешро» намоиш медоданд. Ҳатто боре як аробачаи ногироии каси дигареро ҳам оварда бо ӯ сурат гирифтанд ва боз баъди се рӯз баргардонида бурданд.

Вақте ки эҷодкорон барои ба навор гирифтани филми мустанади «Матонат» омаданд, ӯ каме ба онҳо низ бо назари шубҳа нигарист. Вале хушбахтона, ин дафъа ин тавр нашуд. Барои филм навор бардошта шуд ва ӯ ба қаҳрамони ҳақиқӣ табдил ёфт.

### МЕҲРУ ШАФҚАТ – РУҲБАХШИ ИНСОН

Инсон вақте ки дардманд мешавад, бештар ба меҳру муҳаббат муҳтоҷ мегардад ва дар баробари ин меҳру шафқатро низ бештар ҳис мекунад. Дилором нақл мекунад, ки ин санҷиши ҳаёт ба ӯ бисёр чизҳоро омӯзонд. Муносибатҳои гарму самимӣ, кумаку дастёрии ҳевараш, садоқати шавҳар, ғамхориҳои хешу табор ба ӯ рӯҳу тавон бахшиданд. Ҳатто боре аз шавҳараш боисрор талаб кард, ки дигар умри худро барои ӯ хазон насозад, бо касе издивоҷ кунад. Шавҳараш ба талаби ӯ қатъан ҷавоби рад дода гуфт, ки то охири умр ба ӯ ғамхориву парасторӣ мекунад.

Пошшо ном ҳамсоязан бо аҳли оила маслиҳат карда ба қароре меояд, ки пули барои ҳаҷ пасандоз кардаашро ба Дилором диҳад, то ки ӯ барои пойҳояш протез харад.

– Шукр дар дунё одамони меҳрубон, ғамхор, ҳимматбаланд ҳастанд, вагарна зиндагӣ берангу бемазмун мегардид, – ашки чашмонашро пок месозад Дилором. – Бо занону духтарони маҳалла вақте ки суҳбат мекунам, ҳис менамоям, ки орзуву умедҳои зиёде дар дил доранд. Онҳо ҳам мехоҳанд дар ҷойҳои шароиташ мусоид кор кунанд. Дар фабрикаҳои замонавӣ, коргоҳҳои сердаромад меҳнат кардан мехоҳанд. Онҳо низ ҳақ доранд ҳаёти хушбахту фаровон аз сар гузаронанд, – мегӯяд Дилором.

### ҚАДРШИНОСӢ

Президент Шавкат Мирзиёев ин бонуи қавиирода ва пурматонатро бо ордени «Мардлик» қадр намуд. Дар Фармони Президент чунин сатрҳоро мехонем:

«... бо иродаи мустаҳкам, матонати бузург ва фазилатҳои кордонӣ, занони деҳотро бо кор банд кардану баҳри афзун намудани даромад ташаббускорӣ ва намунаи ибрат шудан ва иштироки фаъол дар ҳаёти иҷтимоӣ, ба Дилором Йӯлдошева ордени «Мардлик» тақдим карда шавад».

Шоир шояд дар ҳаққи чунин инсонҳо барҳақ гуфта бошад:

_Навмед набояд шудан_
_аз гардиши айём,_
_Ҳар шом, ки ояд зи пайи_
_он саҳаре ҳаст._

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

## Соли ҳифзи муҳити зист ва иқтисодиёти «сабз»

# ЁДГОРИИ ТАБИИИ ЁЗЁВОН БА ҲИФЗ НИЁЗ ДОРАД



**_Ёзёвон чӯлест, ки дар қисми марказии водии Фарғона ҷойгир шудааст. Онро воҳаҳои Кӯқанд, Марғелон, Андиҷон ва Намангон иҳота кардаанд. Ин ёдгории табиӣ дар ихтиёри Кумитаи давлатии хоҷагии ҷангали ҷумҳурӣ мебошад._**
**_Чанде пеш журналист-эколог Наргис Қосимова дар як мақолаи худ роҷеъ ба ин чӯл чанд фикру ақидаи худро баён намудааст, ки ҷолиб аст. Бар асоси навиштаи муаллиф мувофиқи Қонун «Дар бораи минтақаҳои табиии ҳифзшаванда» ҳар гуна фаъолияте, ки ба муҳофизати ҳудуди ёдгориҳои давлатии табиӣ таҳдид эҷод мекунад, манъ карда шудааст. Аммо Кумитаи давлатии хоҷагии ҷангали ҷумҳурӣ дар айни ҳол ин ҳудудро таҳти ҳимояи худ қарор надодааст._**

Наргис Қосимова аз қавли коршиносони экологӣ навиштааст, ки водии Фарғона як минтақаи бостонӣ ва нотакрори табииест, ки дорои олами набототу ҳайвоноти нотакрор мебошад. Дар водии Фарғона аҳолӣ зич ҷойгир шудааст. Дар 1 миллиону 946 ҳазор гектари марбути қаламрави Ӯзбекистон (ин ҷо манзур ғайр аз вилоятҳои Ботканди Қирғизистон ва Суғди Тоҷикистон, ки шомили водии Фарғона мебошанд), зиёда аз 6 миллиону 867 ҳазор нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунанд. Дар як километри мураббаъи он 352,9 нафар одам рост меояд.

Журналист-эколог мӯътақид аст, ки дар натиҷаи ба замини корам табдил додани қисми зиёди майдонҳои регзори Ёзёвон масоҳати он торафт кам мешавад. Ҳарчанд солҳои охир дар натиҷаи дастгирии давлат барои рушди моҳидорӣ қисми зиёди регзор мавриди корбаст қарор дода шудааст, обёрии киштзор ва сохтани хоҷагиҳои сершумори моҳипарварӣ низоми гидрологии ин минтақаро вайрон карда, боиси пайдо шудани шӯрзаминҳо ва аз байн рафтани регзорҳо гардидаанд.

Дар чӯли Ёзёвон мори хокистарранг, калтакалос ва боз чанд намуди ҳашароти нодир мавҷуданд. Гузашта аз ин, дар водии Фарғона ғайр аз ин ёдгории табиӣ ягон мамнӯъгоҳ ё минтақаи ба он мушобеҳ вуҷуд надорад, ки олами набототу ҳайвоноти нодирро таҳти муҳофизати худ қарор дода бошад.

Бояд гуфт, ки дар ҳудуди чӯл ёдгории табиии «Биёбонҳои Ёзёвон» ҷойгир аст, ки 105,7 гектар майдон дорад. Ин ёдгории табиӣ дар қисмати шимолу ғарбии ноҳияҳои Ёзёвон ва Кӯштеппаи Фарғонаи Марказӣ воқеъ гашта, дорои системаи биологии хоса мебошад.

Дар олами набототи ин ёдгории табиӣ 302 намуди растанӣ, аз ҷумла 5 намуди дарахт, 24 намуди бутта ва 10 намуди нимбутта, 98 намуди гиёҳи бисёрсола, 165 намуди гиёҳи яксола ба чашм мерасанд. Аз ин растаниҳо 91-тоаш шифобахш ва 81-тоаш алафҳои бегона мебошанд.

Наргис Қосимова аз даст додани чунин як ёдгории хурди бебаҳои табииро аз эҳтимол дур намедонад ва бо таассуф таъкид мекунад, ки кишоварзони ин маҳал ҳатто намедонанд, ки баъзе аз хазандагони ин ҷо ба «Китоби Сурх» шомил шудаанд ё не. Зеро ин барои онҳо ҳаргиз муҳим нест. Танҳо мехоҳанд даромад ба даст оваранд. Бинобар ин, дастандаркорон ҳангоми ба деҳқонон тақсим кардани замин бояд ба ин ҷиҳати масъала аҳамияти хоса зоҳир намоянд.

Вақте сухан дар бораи Ёзёвон меравад, зикри нуқтаи назари заминшиноси Институти зоологияи Академияи фанҳои Ӯзбекистон Мария Гритсина низ аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Ба гуфтаи ӯ Кумитаи давлатии экология ва ҳифзи муҳити зист бояд 13 қисмати боқимондаи биёбони Ёзёвонро зери муҳофизат гирад. Танҳо дар чунин ҳол барои шоликорӣ ва моҳидорӣ ҷудо кардани заминҳоро пешгирӣ кардан имконпазир мегардад.

Ба ақидаи Мария Гритсина баланд бардоштани маърифати омма дар бораи нигоҳ доштани набототу ҳайвоноти нодир хеле зарур аст. Майдонҳое, ки аз тарафи одамон азхуд карда шудаанд, барои зисти растанӣ ва ҳайвоноти эндемик номувофиқ гаштаанд. Ин дар ҳолест, ки рег, олами набототу ҳайвоноти он сарвати Ӯзбекистон, хосатан вилояти Фарғона ба шумор меравад.

Мутахассисон зери назорату ҳимоят қарор додани биёбони Ёзёвон ва олами набототу ҳайвоноти онро хеле муҳим мешуморанд. Калтакалосу ҳашарот ва растаниҳои биёбонӣ, ки барои аксар ноаёнанд ва ночиз ба назар мерасанд, бояд ҳифз карда шаванд. Зеро онҳо барои давомнокии биологӣ ва нигоҳ доштани табиати биёбон барои наслҳои оянда хеле муҳим мебошанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
_Вилояти ФАРҒОНА._

**_Дирӯз дар Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон ҷамъомади навбатии Шӯрои адабиёти тоҷик баргузор гардид._**
**_Шоиру нависандагон, кормандони воситаҳои ахбори оммавӣ, донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ ва дигарон иштирокдорони чорабинӣ буданд._**

# ФАЪОЛИЯТИ ЯКСОЛАИ ШӮРО САРҲИСОБ ГАРДИД

Нахуст муовини якуми раиси иттифоқ оид ба корҳои эҷодӣ Минҳоҷиддин Мирзо дар бораи эътибори ҳукумат ба рушди адабиёт, дастгирии шоиру нависандагон, бахусус, эҷодкорони ҷавон ва фаъолияти Шӯрои адабиёти тоҷик дар назди иттифоқ ҳарф зад.

Дар бораи корҳое, ки дар давоми соли 2024 ҷиҳати густариши адабиёти тоҷик амалӣ гардиданд, раиси Шӯрои адабиёти тоҷики назди Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон Хусрав Ҳамидов ҳисобот дод.

Зикр гардид, ки соли сипаришуда низ дар ҳаёти адабиву фарҳангии тоҷикони Ӯзбекистон як соли бобарор буд. Дар давоми сол қариб 60 маҷмӯаи дастаҷамъиву китобҳои алоҳидаи насрӣ, назмӣ ва илмии адибони тоҷики муқими Ӯзбекистон интишор гардид. Инчунин, бахшида ба солгарди шоиру нависандагон, олимони адабиётшинос чорабиниҳои фарҳангӣ, нишасту маҳфилҳои адабӣ гузаронида шуданд.

Дар идома роҷеъ ба назм дар соли 2024 мудири шуъбаи адабиёт ва ҳунари рӯзномаамон Абдулло Субҳон, оид ба вазъи тарҷума ва асарҳои публитсистӣ сарвари бахши тоҷикии шуъбаи Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон дар вилояти Самарқанд Асадуллоҳ Шукуров, дар бораи насри бадеӣ дар тӯли сол адиби ҷавон Фаридуни Фарҳодзод маълумот доданд.

– Дар тӯли даҳсолаҳои охир дар кишварамон ҳавзаи адабии наве бо номи ҳавзаи адабиёти тоҷик ташаккул ёфт, – гуфт А.Субҳон. – Баҳри муаррифии маҳсули эҷоди онҳо дар ҷумҳурӣ нашрияҳое бо номҳои «Овози тоҷик», «Овози Самарқанд», «Ховар» ва маҷаллаи адабӣ, илмӣ ва фарҳангии «Дурдонаи Шарқ» арзи ҳастӣ мекунанд. Метавон гуфт, ки соли сипаригардида барои адибони тоҷики кишвар соли пурбор буд. Дар давоми сол танҳо дар бахши назм беш аз 20 китоби шоирон тариқи нашриётҳои гуногун рӯйи чоп омаданд, ки маҷмӯаҳои шеърии «Даҳ пурсишу даҳ посух»-и Паймон, «Қасидаи Ватан» ва «Манзараи Обишир»-и Муҳаммад Шодӣ, ҷилди якуми «Куллиёт»-и Абдуллоҳи Раҳмон, «Ақли бунафш»-и Ҷаъфар Муҳаммад, «Фарди фардо»-и Расулбеки Аҳмадзод, «Садои ошно»-и Дилошӯб (Ӯғилой Ҷӯрабоева) ва ғайра аз ин ҷумлаанд.

Нотиқон ҳамзамон пешниҳодҳои худро аз рӯйи вусъат додани фаъолияти шабакаи «Адабиёти тоҷики Ӯзбекистон» дар телеграм, ташкили дарсҳои маҳорат дар фазои маҷозӣ барои эҷодкорони ҷавон, роҳандозии таҷрибаи тарҷумаи асарҳои эҷодкорони тоҷик ба забони ӯзбекӣ ва дигар забонҳо, таҳкими ҳамкориҳо бо факултетҳои филологияи тоҷик, кашфи истеъдодҳои ҷавон ва вобаста кардани онҳо ба шоиру нависандагони касбӣ, ҷалби мунаққидон ва адабиётшиносон ба нақди адабӣ, дар ҳар панҷ сол як маротиба нашр намудани антологияи наср ва назми шоирону нависандагони тоҷики ҳавза, ба муносибати 35-умин солгарди истиқлолияти давлатӣ омода кардани баёзи эҷодии 35 нафар эҷодкорони ҷавони мамлакат ва ғайра ба миён гузоштанд.

Чорабинӣ бо мушоираи адабӣ ба поён расид.

**Ф. ЙӮЛДОШЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*Ҳунармандӣ*

# ДАСТОНИ МУЪҶИЗАОФАР

Ҳайкалтарошӣ аз ҷумлаи ҳунарҳои заҳматталаб аст. Замоне бо як омӯзгори ҳамкор барои ба мактабамон овардани нимпайкараи Абӯрайҳон Берунӣ (он гоҳ таълимгоҳ номи ӯро дошт), ки бинобар дархост тайёр шуда буд, ба комбинати ҳайкалтарошии Тошканд рафта будем. Ҷараёни кору ҳайкалҳои хурду калони гуногун ва манзараи пурҷозибаи коргоҳи ҳунарро то ҳол дар хотир дорам.

Ҳар боре, ки ба шаҳри Бухоро ё ба зодгоҳи Шайхурраис – деҳаи Афшонаи ноҳияи Пешкӯ равам, ҳайкали Абӯалӣ ибни Синоро дида, сарам ба осмон мерасад. Дар «Лабиҳавз»-и шаҳри Бухоро тамошои асари Шапиро – «Насриддин Афандӣ»-и харсавор хурду калонро шод мекунад. Мехостам дар бораи ҳайкалтароше чизе нависам, вале намедонистам, ки дар вилоят намояндагони ин ҳунар ҳастанд ё не. Шавқ раҳбар шуду ба қарибӣ ба идораи Иттиҳодияи «Ҳунарманд»-и вилоят занг задам. Баъди чанде шахси тасодуфие гӯшакро бардошт ва гуфт, ки роҳбар Акбар Муҳаммедов ба идораи ҷумҳурӣ ба кор гузаштанд. Дигар суҳбати мо қатъ ёфт. Азбаски бегоҳии рӯзи ҷумъа буду вақти корӣ поён меёфт, занги навбатии мо пагоҳии рӯзи душанбе сурат гирифт. Яке аз кормандони масъули иттиҳодияи «Ҳунарманд»-и вилоят Сардор Аҳмадов аз мақсади мо огоҳ гашта, баъди каме таваққуф маслиҳат дод, ки беҳтарин ҳайкалтароши вилоят Дилмурод Раҷабовро аз зодгоҳаш – ноҳияи Пешкӯ пайдо кардан мумкин аст. Ниҳоят бо мадади сарвари шуъбаи ноҳиявии иттиҳодияи «Ҳунарманд» Саёҳат Исломова вохӯрии мо бо Раҷабов сурат гирифт. Маълум шуд, ки вай дар деҳаи Ваҳмкор буду бош дорад. Вақте мутасаддиёни соҳа дар бораи фаъолияти пурсамари Д.Раҷабов ҳам дар миқёси вилоят ва ҳам дар пойтахт ҳарф заданд, гумон кардам, ки ҳайкалтароши солдидаест. Чун бо ӯ вохурдам, аён гардид, ки акнун баҳори 36-уми умрро пешвоз мегирад. Дилмурод инсони самимӣ, хоксор, меҳнатдӯст, хушгуфтор, пурғайрат, накӯкор ва ростгӯй, мехоҳад баҳри мардум, ёру диёр хидмат кунад.

Аз бачагӣ дар ҳалқаи ҳамсинноннаш дар лаби ҷӯй аз лой сохтани ҳар гуна шаклҳо, аз ҷумла одамак, танӯрак, аспак, оҳуяк, бобою бибӣ ва ғайраро дӯст медошт. Дар синфҳои поёнии мактаб таҳсил мегирифту баъд аз дарс боз бо рафиқони худ дар асоси афсонаҳои омӯхтааш аз лой қаҳрамонони онро меофарид. Падару модараш ин рафтори фарзандашонро дида, ӯро назди омӯзгори санъати тасвирӣ ва нақшакашии деҳа Муҳиддин Солиев бурданд. Омӯзгор аз истеъдоди ғайриодии Дилмурод огоҳ гардида, ӯро ба шогирдӣ қабул кард. Ҳамин тариқ чун анъанаи қадимӣ «устоду шогирдӣ»-и онҳо оғоз ёфт. Солиевро мардум баъди кори мактаб бо мақсади лою гил, гаҷкорӣ ва пардозу ороиши манзил таклиф мекарданд. Омӯзгор ин корҳоро бо маҳорати баланд ба сомон мерасонд. Гулу манзара, тасвирҳои пурҷозибаи ӯро дида, мухлисонаш меафзуданд. Дар чунин ҳолатҳо шогирди хурдсолаш мададгораш буд. Ҳам кумак мерасонд, ҳам маҳорати ҳунарии худро такмил медод. Тадриҷан вай мусаввирӣ, гилкорӣ, гаҷкорӣ, манзараофарӣ ва ғайраро омӯхт ва бо супориши устодаш ин корҳоро мустақилона иҷро карда метавонистагӣ шуд. Ҳангоме ки дар синфи IX мехонд, устод ба вай фотиҳаи хайр дод.

Ҳамин тариқ шогирд низ устод гардид. Вай аз устод Салим Шукруллоев, ки дар деҳаи ҳамсояи Навгаҳон зиндагӣ дошт, ҳунари кандакории чӯбро омӯхт.

***

Дилмурод хонандаи синфи VII буд, падараш ба садама дучор шуда аз кор бозмонд. Тангии иқтисодӣ, душвориҳои рӯзгор ба оила фишор оварданд. Ба модари хонанишин осон набуд. Таътили тобистонаи талабагон оғоз ёфту Дилмурод ба Тошканд раҳсипар шуд. Аз автобус фуромаду рост сӯйи мардикорбозор рафт. Албоми лавҳаҳои ҳунарӣ дар даст аз қатори мардикорон ҷо гирифт. Ба умеди харидории корафтодагон чун дигарон интизорӣ кашид. Вақти зиёд нагузашт. Шахсе наздаш омад ва пурсид:

– Ту ин ҷо барои чӣ омадӣ?

– Барои кор.

– Аз куҷо?

– Аз Бухоро.

– Чӣ ҳунар дорӣ?

Дилмурод албоми дасташро ба вай дароз кард ва ба пурсишҳояш ҷавоб дод. Марди ба ҳайратомада нобоварона ба наврас менигарист ва аз назди вай дур намерафт.

– Агар хоҳӣ, якҷо кор мекунем, – таклиф намуд вай, ки Усто Ҳусен ном доштааст.

Дилмурод аз пайи Усто Ҳусен қадам ниҳод.

– Ба шогирди дилхоҳ эҳтиёҷ дорам, агар табъи дил кор кунӣ, туро ба ёварӣ мегирам, – гуфт Усто. Онҳо сӯйи мавзеи Қарақамиш раҳсипар шуданд. Маълум шуд, ки Усто Ҳусен «евроремонт» кардани манзили нави шахсеро ба зимма гирифтааст. Онҳо ниҳоят ба кор оғоз карданд. Дилмурод ҳар як супориши усторо пухтаю босифат ба анҷом расонда, сазовори тавaҷҷуҳи ӯ мешуд. Ҳамин тариқ кори онҳо барор гирифт. Рӯзи дигар Дилмурод ба ягона рақами телефони деҳаашон, ки он гоҳ ба ҳамсояашон буд, занг зада, хоҳиш намуд, ки падару модарашро аз мусофириаш огоҳ намуда, онҳоро хотирҷамъ кунад. Баъди бист рӯз Дилмурод бо рухсати устодаш бо маблағу тухфаҳо ба зодгоҳ баргашт. Ҳамин тариқ барои вай роҳи рафтуо ба пойтахти мамлакат, ҳамкорию таҷрибаомӯзӣ бо устодони нав ба нав ва камолоти ҳунарӣ боз гардид.

Ӯ рӯзе дар ҳавлиашон муҷассамаи шерро сохта, аҳли оила ва ҳамсоягонро ба ҳайрат овард.

(Давомаш дар саҳ.4).



*Аз ҷониби Вазорати коҳиш додани камбизоатӣ ва шуғл Ҷумҳурии Қароқалпоқистон дар шаҳри Нукус ярмаркаи ҷойҳои корӣ баргузор гардид, ки дар он 154 корхона ва ташкилот бо зиёда аз 500 ҷойи холии корӣ иштирок намуданд.*

*Ба ярмаркаи меҳнат тақрибан 480 нафар сокинони маҳаллаҳои шаҳру ноҳия ҷалб карда шуданд. Дар ҷамъбасти чорабинӣ ба 120 нафар шаҳрванд роҳхатҳои корӣ дода, 30 нафари онҳо бо кори доимӣ таъмин гардиданд. Илова бар ин, аз ҷониби ташкилотчиён ба 16 нафар шаҳрвандон барои курсҳои касбомӯзӣ роҳхат ва ба 4 нафар ҷавонон субсидия дода шуд.*

***Дар сурат:** лавҳае аз ярмаркаи меҳнат.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***

# ҚАБУЛИ САЙЁР: МУШКИЛОТ ВА ҲАЛЛИ ОНҲО

***Дар ноҳияи Каттақӯрғон нахустин қабули сайёри иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилояти Самарқанд Адиз Бобоев ва роҳбарони секторҳои вилоят баргузор гардид, ки 332 нафар шаҳрвандон аз ноҳияҳои Иштихон, Нарпай, Пахтачӣ барои ҳаллу фасли мушкилоти худ муроҷиат намуданд.***

Бештари муроҷиатҳо оиди масъалаҳои беҳтару хубтар шудани таъминот бо гази табиӣ, неруи барқ, оби ошомиданӣ ва таҳияи ҳуҷҷатҳои кадастрӣ буда, аксарияти онҳо дар ҷояш ҳалли худро ёфтанд.

Чунин қабули сайёр дар ноҳияи Пайариқ низ баргузор гардид, ки муроҷиаткунандагон аз ноҳияҳои Қӯшработ, Оқдарё, Ҷомбой ва Булунғур омаданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

*Табиат мекунад моро табобат*

## ПИСТАИ ҲАҚИҚӢ



Пистаи ҳақиқӣ (pistacia vera) бутта ё дарахти хазонрези мевадорест аз оилаи татуимиҳо. Танааш як ё якчанд адад (ғафсиаш то 90-110 см.), то 8-10 метр қад мекашад. Дарахти сершоху барг аст. Баргаш тоқа, мураккаб, мудаввари байзашакл ё паҳн (дарозиаш 5-15 см, бараш 4-10 см,) гулаш ҷудоҷинса, хӯшагулаш туғ (дарозиаш 4-10 см.), мевааш писта (чормағз)-и донакмонанди (дарозиаш 9-17 мм, бараш 6-15 мм.) зард, сабзтоб, гулобӣ, сурх, норинҷӣ ё нофармон, вазнаш аз 0,2 то 1,42 г. (вазни миёна 0,5-0,7 г.) мешавад.

Давраи сабзиши писта аз миёни моҳи март то октябрноябр мебошад. Нимаи аввали моҳҳои апрел-май гул мекунад. Мевааш (писта) моҳҳои август-сентябр мепазад, баъди пухтан кушода мешавад. Вобаста ба хели писта ва шароити маҳал. Дар баъзе дарахтон тамоми писта (пистаи хандон – fachiscens) ё қисман (f semidchisens) кушода шавад, дар дигарҳо тамоман кушода намешаванд (кӯрписта - f-indshiscens).

Воқеан, шоирон доир ба ин меваи сабзу хушмазза байтҳои зиёд гуфтаанд. Масалан, Фахриддин Гургонӣ

*Намехандад ба шодӣ*
*пистаи ӯ,*
*Гиреҳ дорад зи ғам доим*
*бар абрӯ.*

Мирзо Абдулқодири Бедил мегӯяд:

*Бетамизиҳои мардум аз*
*сухан пайдо шавад,*
*Пистаи бемағз, агар лаб*
*во кунад, расво шавад.*

Мисолҳои болоӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки писта на танҳо меваи писанди мардуми мо, балки боз илҳомбахшандаи шоирон низ мебошад.

Аз рӯи маълумоти профессор В.И.Занрягаева (1964) дар ҳудудҳои гуногуни Ўзбекистон аз як дарахт соле аз 1 кило то 15 кило ҳосил мегиранд.

Писта дар кӯҳистони вилояти Самарқанд бештар буда, навъи худрӯй низ дорад. Онро тақрибан 2 ҳазор сол пеш мазрӯӣ кардаанд.

Ҳоло бо дастгирии сарвари давлатамон пистазорҳои табиӣ бештар мешаванд. Дар нишебиҳои кӯҳсор ҳамроҳи писта бодоми талхак низ ҳастанд. Дар пистазор қариб 500 намуди гиёҳ, ки аксарияти онҳо шифобахш мебошанд, нашъунамо меёбанд. Масалан, мураккабгулҳо, хӯшадорҳо, лӯбиёиҳо, зира, чилликгулҳо, ҷорӯбак ва ғайра...

Ғурумҳои пистаро моҳи август ҷамъоварӣ мекунанд. Онро дар офтоб, айвон ё шипан хушк карда, дар саноат истифода мебаранд. Аз як дарахт 10-12 кило ғурум чидан мумкин аст.

Дар табобати халқӣ меваи пистаро барои шифо ёфтан аз бемориҳои сил, бемадорӣ, қафаси сина истифода мебаранд. Қатрони дарахти писта барои давои захму ҷароҳат, захми меъдаву рӯда низ шифобахш мебошад.

Абӯалӣ ибни Сино мева ва равғани пистаро барои даво ба бемориҳои ҷигар, дил ва ҳамчун ҳазми таом тавсия кардааст. Тавре муаллифи «Махзан-ул-адвия» Муҳаммад Ҳусейн менависад, мағзи писта барои майнаи сар ва дил фоидабахш аст. Инчунин барои мӯътадили набзи қалб, дилбеҷошавӣ, табобати ҷигар ва бемории зардпарвин (зардча) фоида медиҳад.

Ғурумҳои он барои гирифтани танини табиӣ ашёи хом ҳисоб меёбанд. Меваҳои писта бо хуштаъмӣ, шифобахшӣ, равғаннокӣ ва доштани углевод аз чормағз ва бодом беҳтару хубтар аст. Мағзи пистаро бирён карда, ё ки намак зада истифода мебаранд. Инчунин барои тайёр кардани ширинӣ, торт ва дигар маҳсулоти қаннодӣ истифода мебаранд.

*(Давом дорад).*

**Талъат АБДУЛЛОЕВ.**



# МАСКАНИ ИЛМ ВА КАСБУ ҲУНАР

***Бо дигар шудани замон фаъолияти масканҳои таълимӣ-истеҳсолӣ, Хонаи пешоҳангону мактаббачагон, марказҳои табиатшиносон ва техникҳои ҷавон барин муассисаҳои таълими навоҳӣ, ки хоси даври шӯроҳо буданд, барҳам хӯрд. Дар мамлакатамон, ғайр аз мактабҳо, ба таври изофӣ, барои такмили дониш, самтдиҳӣ ба интихоби касбу ҳунаромӯзӣ дари таълимгоҳҳои хосса, марказу курсҳо ба рӯйи бачагону ҷавонон боз шуданд.***

Таълимгоҳи бачагонаи «Баркамол авлод»-и ноҳияи Чуст аз мактабҳои ҷудогонаю марказҳои таълимии пешина бартариҳои зиёде дорад. Маскани мазкур 292 гурӯҳу 87 маҳфил дошта, дар самтҳои тайёрӣ ба таълими олӣ, забонҳои хориҷӣ, маданият, санъат, техника, тарбияи ҷисмонӣ, ҳунармандӣ, экологӣ, сайёҳӣ ва монанди инҳо кор мебарад. Аҷибаш ин аст, ки шумораи духтарони ба илм, касбу ҳунаромӯзӣ шавқманд 2259 нафар — нисбати писарони ҳунардӯсти он ҷо қариб се баробар зиёд аст. Шумораи роҳбарони дорои маълумоти миёнаи махсуси гурӯҳу маҳфилҳои таълимгоҳ нисбати мутахассисони маълумоти олӣ 2 маротиба зиёд аст. Қобили қайд аст, ки дар мактабҳои сершумори таълими умумӣ 60 маҳфил, дар 11 маҳалла, алалхусус, дар маҳаллаҳои Панҷсада 2, Сероб 1 ва дар ҳудуди деҳаи Варзик 9 маҳфили онҳо фаъолият доранд.

Муваффақиятҳои ин маскани илм зиёданд. Чанде аз хонандагон аз рӯйи ҳунарҳои зебою дилбастаашон — сураткашӣ, шоҳмоту шашкабозӣ, рақс ва дӯхтудӯз дар қуввасанҷиҳо фаъолона иштирок намуда, соҳиби сертификатҳои байналмилалӣ шуданд. Шогирдони зиёд дар қувваозмоиҳои арифметикаи равон (менталӣ) борҳо ҷойҳои олӣ, якум ва дуюмро ба даст даровrouted. Ба наздикӣ боз хушхабар расид, ки дар озмуни байналхалқии арифметикаи равонӣ дар пойтахти Озарбойҷон — шаҳри Боку барпошуда хонандагон Беҳрӯз Исмоилов ҷойи олӣ ва Одилбек Алиев ҷойи аввалро гирифта, баргаштанд.

Аҳли таълимгоҳ соли гузаштаро бо фатҳи қуллаҳои дониш ва зафарҳо анҷом доданд. 25 нафар дар баҳсҳои фаннии хориҷӣ ғолиб шуда ва нафаре аз хонандагон дар озмуни ҷумҳуриявии суратҳо ҷойи аввалро ишғол карданд.

**Ш. МИРЗОЕВ.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

*Минбари донишҷӯ*

# ДАРГОҲИ ДОНИШ ВА ЗАБОНОМӮЗӢ

***Ман дар яке аз муассисаҳои бонуфузи кишварамон – Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Ўзбекистон мехонам. Донишҷӯйи соли сеюми факултаи журналистикаи байналхалқӣ мебошам. Ба қарибӣ мо имтиҳонҳои сессияи зимистонаро бомуваффақият супурда, ба таҷрибаомӯзӣ сафарбар карда шудем. Ҳамсабақонам ба корхонаву коргоҳу ташкилот ва рӯзномаҳои гуногун рафтанд, ман идораи «Овози тоҷик»-ро, ки ягона рӯзномаи тоҷикии ҷумҳуриявӣ ба шумор меравад, интихоб кардам. Маро дар ин ҷо хуш истиқбол карданд.***

Ҳоло мехоҳам нахустмақолаам дар бораи ин донишгоҳи маъруф, таъриху сарнавишт, умуман фаъолияти он ва устодони азизи ин даргоҳи донишу забономӯзӣ бошад.

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки ин мактаби олӣ соли 1992 баъди соҳибистиқлол шудани мамлакат дар пояи муттаҳид намудани Донишгоҳи давлатии забонҳои хориҷӣ, ки соли 1949 таъсис ёфта буд ва Донишкадаи давлатии омӯзгории забон ва адабиёти рус ба номи Пушкин ташкил гардида, мақоми Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Ўзбекистонро гирифт, яъне таърихи беш аз 75-сола дорад.

Ҳоли ҳозир дар ин ҷо зиёда аз 25 ҳазор донишҷӯ беш аз 20 забони хориҷиро дар пояи меъёрҳои мавҷудаи байналмилалӣ меомӯзанд, аз худ мекунанд.

Донишгоҳ ҳар сол дар 15 самт мутахассисони бакалавр ва дар 13 соҳа магистрҳоро тайёр мекунад. Донишҷӯён дар давоми таҳсил бинобар соҳаҳои забоншиносӣ, назарияи таълими забон, тарҷума, тарҷумашиносӣ ва ғайра донишҳои амиқи илмӣ ва амалӣ мегиранд. Дар донишгоҳ иртиботи кунунии байни забонҳо ва фарҳангҳо аз ҷумлаи равандҳои асосии низоми таълим ба шумор меравад.

Омӯзгорони оянда дар факултаҳои 1, 2 ва 3-юми филологияи англисӣ, романию немисӣ, русӣ усул ва услубҳои самарабахши таълими забонро аз худ менамоянд. Факултаи назария ва амалияи тарҷума дар навбати худ тарҷумонҳои баландихтисосро аз забонҳои англисӣ, немисӣ, куриёӣ, ҷопонӣ, чинӣ тайёр мекунад.

Хатмкардагони донишгоҳ, шогирдоне, ки оид ба забонҳои хориҷӣ соҳиби донишҳои амиқ шудаанд, фаъолияти мустақилонаи худро дар соҳаҳои мухталифи сатҳи байналмилалӣ бомуваффақият ба роҳ мемонанд.

Он санад, ки хатмкардагони ин муассисаи олӣ алҳол ҳамчун мутарҷимони баландпоя, омӯзгорони тавонои забонҳои хориҷӣ, сиёсатшиносу сиёсатмадор, ходимони созмонҳои байналмилалӣ, кормандони корхонаҳои муштарак кор мекунанд, шаҳодати рушду пешрафти ин даргоҳи таълимӣ аст.

Маркази илмию амалии ҷумҳуриявӣ оид ба пешбурди усулҳои инноватсионии таълими забонҳои хориҷии назди донишгоҳ, ки дар мамлакат ягона аст, аз ҷумлаи муассисаи пешқадами таълими олӣ дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳоло донишгоҳи мо таҳти сарварии ректор, доктори фанҳои педагогӣ, профессор Илҳом Тӯхтасинов муносибатҳои байналмилалиро бо роҳ мондааст, аз ҷумла бо зиёда аз 60 мактаби олии ҷаҳон дар пояи муоҳидаҳои дуҷониба ҳамкорӣ дорад.

Ногуфта намонад, ки дар назди донишгоҳ литсейи академӣ ҳам фаъол аст, ки аз соли 2007 амал мекунад. Дар он хонандагон – хатмкардагони муваффақи синфи 9-ум бинобар самтҳои забонҳои хориҷӣ, илмҳои дақиқ, аз ҷумла математика, забон ва адабиёти русӣ қабул карда мешаванд.

Таълим дар литсей ба забонҳои давлатӣ ва русӣ аст. Бояд гуфт, ки англисӣ ва немисӣ забонҳои асосии хориҷии ин литсей ба шумор мераванд. Забонҳои фаронсавӣ, ҷопонӣ, чинӣ, куриёӣ, испанӣ, арабӣ ва туркӣ забонҳои иловагии таълимӣ маҳсуб меёбанд.

Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Ўзбекистон, Донишгоҳи миллии Ўзбекистон ба номи Мирзо Улуғбек, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд ба номи Низомӣ, Идораи маркази мактабҳои олмонӣ дар хориҷа, Иттиҳодияи омӯзгорони забонҳои англисии Ўзбекистон шарикони ин литсейи академӣ мебошанд.

**Ораш АКАБОЕВ,**
**донишҷӯйи соли сеюми Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Ўзбекистон, таҷрибаомӯз.**

# ЗИЁДАИ ШЕЪРХОН

***Дар рӯзҳои аввали соли ҷорӣ аз ҷониби маҷаллаи куҳансоли бачагона – «Гулхан» таҳти шиори «Соли нав – соли накӯ гардад» озмуни ҷумҳурии шеърхонӣ ташкил гардид.***

Дар озмун хонандагони мактабҳои миёнаи таълими ҳамагонии ҷумҳурӣ иштирок намуданд.

Аз ҷумла, хонандаи синфи дуюми мактаби миёнаи таълими умумии рақами 11-уми ноҳияи Косонсой Зиёда Абдураҳмонова низ иштирок кард. Ӯ шеърҳоро бо маҳорати баланд қироат карда, дар номгӯи «Барои фаъолнокӣ дар шабакаи иҷтимоӣ» ғолибиро ба даст даровард.

Аз ҷониби ҳайати таҳририяти маҷалла ба Зиёда сертификати махсус тақдим гардид.

**Ш. ДАМИНОВА.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

*Дар ҷевони китоб*

***Дар Маркази ахбор-китобхонаи ба номи Пушкини шаҳри Самарқанд рӯнамоии асари тозанашри омӯзгори собиқадор, узви Иттифоқи журналистони Ўзбекистон Ҳамза Ҷӯраев «Ҷадидони Самарқанд» баргузор гардид.***

# ҶАДИДОН ҲАМЕША ҶОВИДОН

Ба асари мазкур докторҳои фанҳои филологӣ, профессорони Донишгоҳи давлатии Самарқанд Садрӣ Саъдиев ва Сироҷиддин Хӯҷақулов пешгуфтор навишта, таъкид намудаанд, ки маорифпарварӣ дар адабиёти ибтидои асри XX яке аз равияҳои асосӣ буд. Аз ин мавқеъ дар шароити нави таърихӣ таваҷҷуҳ ба осору аҳволи вакилони номии нимаи аввали асри XX, ки парвардаи мактаби ҷадидӣ будаанду осорашон ба ҳамин майл самт дошт, арзиши бағоят бузургро молик аст.

Дар китоб ҳаёт ва фаъолияти 12 нафар ҷадидони машҳури Самарқанд таҳлилу баррасӣ шудааст.

Ин китоб на фақат барои ба абадият сабт намудани номи таҷаддудхоҳон, балки баҳри ба самъи хонандагон расонидани рӯзгори пурмашаққату вазнини интишор гардидааст.

**Баҳодури ЗОҲИР.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

# ДАСТОНИ МУЪҶИЗАОФАР

(Аввалаш дар саҳ.3).

***

Соли 2005 синфи IX мактаби рақами 7-уми ба номи Низомии Ганҷавиро бо баҳои аъло хатм карда, ҳуҷҷатҳояшро ба коллеҷи омўзгории Галаосиё супурд. Вай он ҷо таҳсил мегирифту аз ҳунари ў ҷамоаи таълимгоҳ баҳраманд мешуд. Агар маҳсули дастони Дилмурод шаклҳои математикӣ, куб, силиндр, конус, пирамида, кура, нимкура ва ғайра дарсхонаро зебу оро диҳад, ороишу тасвири манзараҳо ба бино ва толорҳои он ҷозиба мебахшид.

Таҳсили коллеҷ поён ёфту Дилмурод барои такмили маҳорати мусаввирию ҳайкалтарошӣ ба шаҳри Бухоро, назди устоди мактаби санъати ба номи Камолиддин Беҳзод Наим Неъматов рафт ва тўли ду сол маҳорати касбии худро ҳам аз ҷиҳати назарӣ ва ҳам амалӣ мустаҳкамтар намуд. Баъд бо орзуҳои нек бо мақсади соҳиби маълумоти олӣ шудан ҳуҷҷатҳояшро ба факултети меъмории Донишкадаи технологияи муҳандисии Бухоро супурд, вале натиҷаи имтиҳони эҷодӣ эҷодкори ҳақиқиро рўҳафтода намуд...

***

Дилмурод барои кор ба Тошканд рафт ва дар ҷараёни таъмири Донишгоҳи миллӣ иштирок кард. Маъмурияти донишгоҳ аз қобилияти ҳунарии вай огоҳ гардида, нақшаҳои пешбиникардаашонро бо кумаки мусаввир ва ҳайкалтароши бухорӣ рўйи об баровард. Оҳуи баландиаш 3-метраи боғи донишгоҳ, уқобу лаклак диққати атрофиёнро ҷалб сохтанд.

Роҳбарону мутасаддиёни донишгоҳ аз вай истифода мебурданд. Кафедраи таълими ҳарбӣ ва гирду атрофи онро симоҳои пурҷозибаи гаҷкории дамидаи Амир Темур, Ҷалолиддин Мангубердӣ, Мирзо Улуғбек, Тумарис, тасвири лойҷанги Соҳибқирон, даромадгоҳи донишгоҳ ва шуъбаҳои онро «Регистони Самарқанд», «Чор манор»-и Бухоро, «Роҳи абрешим», «Харитаи Ўзбекистон», акси таҷҳизоти ҳангоми кофтукови ҳафриётӣ ёфтшудаи ёдгориҳои таърихии Бухоро, Самарқанд, Хоразм ва ғайра шукўҳи нотакрор бахшиданд. Овозаи дастони муъҷизаофари Дилмуродро роҳбарони вазорату Академияи бадеии Ўзбекистон, олимону мутасаддиёни соҳа низ шунида, ба дидани маҳсули дастони ҳунарманди бухороӣ меомаданд. Тадриҷан доираи фаъолияти вай васеътар мешуд.

***

Дилмурод рўзе харобаи шафати мактаби деҳаро ҳамвор карда, дар он ҷо ҳайкали оҳуеро сохт. Ин ҳайкал диққати ҳар як роҳгузарро беихтиёр сўйи худ мекашид. Боре аз ин ҷо ҳокими ҳамонвақтаи ноҳия Амрилло Назаров гузашта, назди «оҳу» таваққуф кард. Азбаски ҳайкал ғайриодӣ ва ҷозибадор буд, писанд омад. Ў муаллифи онро пурсид ва Дилмуродро назди ҳоким ба мавзеи «Боғи Мусо» бурданд. Бо супориши роҳбар дар он ҷо ҳайкалҳои қувони сафед, оҳу, симои қаҳрамонони афсонаҳои халқиро офарид. Ҳоким хурсанд шуда пурсид:

– Чӣ талаб дорӣ?

– Мехоҳам устохонаи корӣ дошта бошам.

Ҳоким ба вай аз назди ҳайкали оҳу – шафати мактаби деҳа барои бунёди устохона 2 сотих замин ҷудо кард. Ниҳоят устохона бунёд гардид ва Дилмурод ба орзуйи деринааш расид. Дар «Боғи Абўалӣ ибни Сино»-и ноҳия нимпайкараи ҳамдиёри шуҳратмандаш Синоро офарид. Туфайли заҳматҳои чандинмоҳаи ў ва шогирдонаш дар майдони хотираи он ҷо муҷассамаи «Модари мотамзада», ки 5 тонна вазн дошт, падид омад. Бо азму кўшиши Дилмурод ва ёваронаш чунин ҳайкал майдонҳои хотираи ноҳияҳои Шофиркон, Вобканд, Қаровулбозор, Олот, Рометан, Ҷондор, Бухоро, шаҳри Бухороро зеб дод.

Дилмурод ҳоло донишҷўи курси дуюми шуъбаи ғоибонаи факултети санъатшиносӣ, санъати тасвирӣ ва амалии ДДБ буда, баҳри ободу зебо, дилкашу пурмаъно шудани кошонаи илми диёраш саҳм мегузорад.

Устохонаи ҳунарии Раҷабов, ки чанд сол ин ҷониб фаъолият дорад, ба штаби пуриқтидори ободгардонии диёр табдил ёфтааст. Беҳуда нест, ки вай ҳоло чун шуъбаи Маркази малакаҳои касбии ноҳияи Ҷондор баҳри тайёр кардани мусаввирону ҳайкалтарошон, бобати рўи об баромадани Барномаи «Аз нодорӣ ба фаровонӣ»-и мамлакат нақши муҳим мебозад. Ҳоло бештар аз сад нафар шогирдони Дилмурод дар кору зиндагӣ мақоми худро ёфтаанд.

– Ман фарзанди Холмурод Раҷабови туркман ва Дилбар Йўлдошеваи тоҷик ҳастам. Шодам, ки дар мамлакати мо мақоми дўстии халқҳо волотар мегардад. Таҳти роҳбарии сарвари давлат орзую ормонҳои халқамон рўйи об мебароянд, – мегўяд ў.



Дилмурод ва ҳамсари ў Зарина Муъминова соҳиби писар – Дилшодбек ва духтар – Нилуфар мебошанд.

**– Онҳо ба ҳунари шумо меҳр доранд?**

– Доранд, вале ҳоло як чиз гуфтан мушкил аст. Замоне падарам маро ба касби милисагӣ водор намуда, ба шуъбаи тарбияи ҷисмонии коллеҷи омўзгорӣ монда буд, меҳри мусаввирию ҳайкалтарошӣ зўрӣ кард...

**– Ҳайкалтарошӣ душвор аст?**

– Хеле душвор. Тасаввур кунед, барои сарф кардани як коса лой баъзан як рўзи дароз камӣ мекунад. Дуруст сохтани чини рў, хати пешонӣ, раги дамида, нигоҳи маънидор, тори абрў ё ки ҳолати мў баъзан тақдири ҳайкалро ҳал мекунад. Беҳуда нест, ки сад кас бо орзуи шогирдӣ наздамон меоянду баъди машғулияти чандрўза онҳо ду-се нафар мемонанд. Заҳмати ин касбро на ҳар кас бардошта метавонад. Сабаби асосии камии ҳайкалтарошон дар ҳамин ҷост. Боз чизи дигар: шахсе, ки мусаввир, кандакор, наққош, гилкор... набошад, ҳайкалтарош шуда наметавонад. Илова бар ин, ба дараҷаи кофӣ донистани илмҳои анатомия, таърих, психология, математика, нақшакашӣ, физика, биология имкон медиҳад, ки ҳайкал табъи дил бунёд шавад.

– Барои сохтани ҳайкал санги кўҳ (гранит), яъне санги хоро, чўб (чормағз, чанор), гаҷ ва намудҳои он, семент, елим, пашм (аз они барра, буз), рангу бор, арматура, филизот, искана, алмос, намудҳои гуногуни мафтгин, андова, сим ва ғайра лозиманд.

Бояд таъкид намуд, ки Дилмурод бо диплому ифтихорномаҳои зиёд ҳавасманд гардонда шудааст. Вай одати аҷиб дорад, баъди иҷрои кор ба вай чизе, ки медиҳанд, ба он қаноат мекунад, музди кор кам бошад ҳам, онро ба ҷои «пур» мебинад, аз шод кардани дили касе сараш ба осмон мерасад.

– Агар аз паси пул медавидам, кайҳо сарватманд мешудам, – мегўяд вай.

**– Дар рўзгор чӣ изтиробу ташвишҳо доред?**

– Беоқибатию ваъдахилофии одамон, баъзе роҳбарон маро дилгир кардааст. Тоифае аввал аз мо истифода бурда, дар атрофамон парвона мешаванд, ҳамин ки корашон буд шуд, дигар моро намешиносанд.

Ба ҳар ҳол бовар дорам, ки корҳои ман, асарҳои офаридаам солҳо боқӣ мемонанд...

**– Ба шумо комёбиҳои беш аз пеш орзу мекунем.**

– Ташаккур.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**



*Дар вилояти Фарғона имрўзҳо ба дастгирии фаъолияти китобхонаҳо ва мустаҳкам намудани базаи моддию техникии онҳо диққати махсус дода мешавад.*

*Соли гузашта Маркази ахбор-китобхонаи вилоятии ба номи Аҳмад Фарғонӣ аз нав таъмир ёфта, ба истифода дода шуд.*

*Маркази нави ахбор-китобхона дар ноҳияи Бағдод бо 1 миллиарду 200 миллион сўм аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ ва 1 миллиарду 200 миллион сўм аз ҳисоби лоиҳаи «Буҷаи ташаббускор» бунёд шудааст. Дар китобхона 92 ҳазор фонди китоб мавҷуд буда, дар як вақт ба 200 нафар хонанда ғизои маънавӣ мебахшад. Китобхонаи нав бо мебел, адабиётҳои нав, компутер ва интернет муҷаҳҳаз гардонида шудааст.*

***Дар сурат:*** *дар Маркази ахбор-китобхонаи вилоятӣ ба номи Аҳмад Фарғонӣ.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

# МУАРРИФИИ КИТОБИ «ТАЪРИХИ ДИПЛОМАТИЯИ ЎЗБЕКИСТОН»

***Ин маросим дар Донишгоҳи иқтисодиёти ҷаҳон ва дипломатия ба вуқўъ пайваст. Дар он вакилони Маъмурияти Президент, Палатаи қонунгузорӣ ва Сенат, мақомоти раҳбарии Вазорати корҳои хориҷӣ, намояндагони корпусҳои дипломатӣ ва роҳбарони намояндагиҳои созмонҳои байналмилалӣ ширкат варзиданд.***

Ноиби Раиси Сенати Олий Маҷлис, ректори донишгоҳ Содиқ Сафоев интишори чунин китобро барои кишварамон ҳамчун ҳодисаи беназири илмӣ-сиёсӣ арзёбӣ намуд.

– Эҷоди китоби «Таърихи дипломатияи Ўзбекистон» ба шарофати ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев имконпазир гардид, ки зарурати гузаронидани тадқиқоти алоҳидаи илмӣ бахшида ба таърих ва равандҳои ташаккули дипломатияи Ўзбекистон дар солҳои истиқлолият дар худ акс кунонидааст. Дипломатияи навшудаи Ўзбекистон дар асоси сабақҳои таърихи наву бостон равобит бо кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Афғонистонро яке аз самтҳои афзалиятнок медонад, – изҳор намуд Содиқ Сафоев.

Намояндаи хоси Президенти Ўзбекистон оид ба сиёсати хориҷӣ Абдулазиз Комилов қайд намуд, ки китоби «Таърихи дипломатияи Ўзбекистон» сарчашмаи муҳими илмӣ оид ба дипломатияи муосир ва муносибатҳои байналмилалӣ гардида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт замина хоҳад гузошт.

Дар ҷараёни муҳокимарониҳо қайд гардид, ки ин китоб натиҷаи фаъолияти олимони варзидаи кишвар – муаррихону сиёсатшиносон, шарқшиносон, этнографҳо, фарҳангшиносон ва дигар соҳаҳои илм мебошад. Дар ин китоб собиқадорони хадамоти дипломатӣ ва дипломатҳои феълии Ўзбекистон саҳм гузоштаанд.

Гурўҳи муаллифони китоб дар бораи ташаккули консепсияи он, раванди мураккаби гирдоварии маводи бойгонӣ, кор дар рўи асноди нодири таърихӣ, таҳлили амиқи ташаккули мактаби дипломатия дар Ўзбекистон аз рўзҳои аввали истиқлолият то имрўз ибрози ақида намуданд.

Сафири Қазоқистон дар Ўзбекистон Бейбут Атамқулов гуфт, ки таърихи дипломатияи Ўзбекистон бо таърихи халқи қазоқ ҳамбастагии амиқ дорад.

– Хонҳои қазоқ бо хонҳои Бухоро ва Қўқанд муносибатҳо барқарор намуда, робитаҳои фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсии халқҳои моро инкишоф доданд. Ин анъанаҳо имрўз, ки Қазоқистону Ўзбекистон бо саъю кўшиши муштарак ҳамкориҳоро инкишоф медиҳанд, таҷассум ёфтаанд, ки барои тамоми Осиёи Марказӣ намунаи ибрат хоҳанд буд, – илова намуд Б. Атамқулов.

Маводи таърихии бодиққат интихоб ва таҳқиқшудаи китоб марҳилаҳои асосии ташаккули дипломатияи мо, рушди он дар робитаи зич бо таърихи миллӣ ва анъанаҳои чандинасра, инчунин тамоюлҳои муосири сохтмони давлатро равшан нишон медиҳанд. Нашрия миқдори зиёди маводи таърихӣ ва асноди нодиреро пешкаш мекунад, ки аз нақши хоси Осиёи Марказӣ дар равандҳои ҷаҳонии фарҳангӣ, таърихӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ шаҳодат медиҳанд.

Дар китоб доир ба роҳандозии муносибатҳои дуҷониба бо кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, иштирок дар форматҳои бисёрҷониба, форумҳои байналмилалӣ ва саъю кўшишҳо ҷиҳати афзалиятнок гардонидани ҳамкориҳои минтақавӣ маълумоти муфассал оварда шудааст.

**Гуласал ШОКИРОВА,**
**сармутахассиси**
**Донишгоҳи**
**иқтисодиёти ҷаҳон**
**ва дипломатия.**

Гўшаи методӣ

# ТАШКИЛИ ТАЪЛИМИ ИНФИРОДӢ ДАР ХОНА

Дар асоси қарори ҳукумат барои кўдаконе, ки дар рушди ҷисмонӣ ё равонии худ нуқсон доранд, ё худ муддати дароз табобат мегиранду аз рўи тавсияҳои тиббӣ наметавонанд ба мактаб доимӣ ё муваққатӣ ҳозир шаванд, ташкили таълими инфиродӣ дар хона ба роҳ монда мешавад. Мақсади асосии таълими мазкур таъмини ҳуқуқи кўдакон бо таҳсил ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои омўзиши онҳо, мутобиқи стандарти давлатӣ аснои ба роҳ мондани таҳсилоти миёнаи умумӣ ва талаботи махсус барои кўдаконе, ки дар рушди зеҳнӣ камбудӣ доранд, такмил додани қобилияти ҷисмонӣ ва ақлии кўдакон, дар онҳо ривоҷ додани тарбияи арзишҳои фарҳангӣ, маърифатӣ, ҳисси ватандўстӣ ва шаҳрвандӣ ва таъмини ҳифзи саломатии таълимгирандагон тавассути риоя роҷеъ ба мувофиқи дарсҳо мебошанд.

Тибқи қарори мазкур роҳбари ҳар як мактаб кўдакони нуқсдор, ки дар ҳудуди мактаб истиқомат мекунанд, муайян намуда ба қайд мегиранд ва барои ҷалб кардани онҳо барномаи таълими инфиродӣ дар хона чораҳои зарурӣ меандешанд.

**Таълими индивидуалӣ чӣ гуна ба роҳ монда мешавад?** Ба онҳо омўзгорон дар хона ё муассисаҳои махсус таълим медиҳанд. Барнома ва усули таълим ба ниёз ва имкониятҳои шахсии таълимгиранда мутобиқ карда мешавад. Мақсад рушди қобилият ва фароҳам овардани имконияти ҳамгироии иҷтимоӣ мебошад. Ин тарзи таълим ба ҳаматарафа дастрас намудани таҳсилот ва ҳимояи ҳуқуқи кўдакон равона шудааст. Таълими индивидуалӣ аз омўзгорон ва волидон ҳамкории ҷиддиро талаб мекунад, зеро ҳар шахс эҳтиёҷи махсуси худро дорад. Муҳимтарин чиз он аст, ки барномаи таълимӣ бояд ба талаботи индивидуалии хонанда мувофиқ бошад. Ҳангоми кор бо чунин хонандагон, мақсад натанҳо ёрии таълимии муассир, балки рушди иҷтимоии эмотсионалӣ ва маънавии онҳо низ мебошад.

Чанд усул ва принсипҳои кор бо хонандагони таълимгирандаи яккатартиб мавҷуд мебошад.

**Индивидуализатсия кардани барнома.** Ҳар як хонанда як шахсияти фардӣ аст ва бояд барнома ё усули таълимӣ барои ў таҳия шавад. Бо дарназардошти қобилият, эҳтиёҷот ва ҳадафҳои таълимӣ, барномаи таълимиро бо истифода аз манбаъҳои гуногун тартиб додан ба мақсад мувофиқ аст.

Ба муқобили гурўҳҳои калон, ки дар мактаб ё синфхонаҳои анъанавӣ таҳсил мекунанд, таълимгирандагони яккатартиб имконияти беҳтари гирифтани таълими муфассал ва мукаммалро доро мебошанд.

**Таълим дар асоси талабот ва қобилият.** Ба хонанда барои дуруст ва самарабахш дарк кардани мавзўъҳо дар доираи хусусиятҳои шахсии ў кумак бояд кард. Агар хонанда салоҳияти баланд дар як соҳа дошта бошад, омўзгор метавонад ба ў имконият диҳад, ки дар ин соҳа бештар кор кунад ё барномаи таълимиро бо хоҳиши ў пеш барад.

Технология метавонад дар баёни таълим дар шакли алоҳида кумак кунад. Барои хонандагони бо эҳтиёҷоти махсус ё талаби қавӣ дар соҳаҳои технологӣ, намудҳои таълими онлайн, татбиқи барномаҳои интерактив ё истифодаи методологияи махсус мувофиқ аст.

**Кумак ва дастгирӣ.** Ҳангоми кор бо хонандагоне, ки дар шакли яккатартиб таълим мегиранд, кумакҳои махсуси психологӣ низ муҳим аст. Хонандагон метавонанд дар ҷабҳаи эҳсосӣ ва иҷтимоӣ муаммоҳо дошта бошанд. Онро омўзгор бояд фаҳмад. Бо тартиб додани дарсҳои шавқовар ва ҷалби диққати хонанда роҳи ҳалли муамморо ёбад. Бо вуҷуди ин бояд имконияти ҳамкорӣ бо дигар аъзои оила ё ҳамсояҳо ба роҳ монда шавад, то хонанда худро аз мушкилот раҳо созад. Дар маҷмўъ онҳое, ки бо хонандагони яккатартиб сарукор доранд, шеваи омўзиш ва омўзониданро мувофиқи эҳтиёҷи махсуси онҳо мутобиқ намуданашон лозим. Хонанда бояд дар муҳити ором ва бехалал вориди таҳсил шавад. Барои таҳсил хонаи махсус ҷудо кардан ҷоиз мебошад. Барои хонандагоне, ки бо баъзе сабабҳо дар хона таълим мегиранд, истифодаи интернет ва манбаъҳои онлайн барои таҳсили курсҳои омўзишӣ метавонад кумак расонад. Тафовутҳо дар муҳити иҷтимоӣ ё муносибатҳои шахсӣ барои беҳтар шудани ҳолати равонӣ ва иҷтимоии хонанда таъсиргузор бояд бошад.

Ба хонандагони яккатартиб мотиватсия ва ҳавасмандкунӣ нақши муҳим мебозад. Ба онҳо ин имкониятро бояд дод, ки муваффақият ва пешрафтро эҳсос кунанд.

**Истифодаи методҳо барои хонандагони яккатартиб.**

Истифодаи методҳои таълимӣ барои хонандагони яккатартиб мувофиқи эҳтиёҷоти шахсӣ, қобилият ва усулҳои мухталифи омўзиш бояд бошад. Аз ин усулҳо хонанда метавонад бештар мавзўъро дарк намояд ва ба таҳсил шавқу рағбат пайдо кунад.

Таълим бо такя ба эҳтиёҷоти ҳар як хонанда сурат мегирад. Ҳар хонанда назар ба имкониятҳои хеш ба модулҳои таълими муваффақ пайваст мешавад. Барои ин таълимдиҳанда метавонад барои омўзондани мавзўъ ба хонандагон аз таҷрибаҳои гуногун истифода намояд. Хонанда ҳангоми гузаронидани таҷриба мавзўъро дуруст дарк кунад.

**Усули саволу ҷавоб** барои фаҳмидани мавзўъ муҳим аст. Омўзгор метавонад ба хонанда саволҳои мушаххас диҳад, ки онҳо барои ҷустуҷўи ҷавоб ва баёни он бояд фикр кунанд, ки ин раванд фаъолияти равонии онҳоро қавитар мегардонад.

Иштирок дар курсҳои онлайн ё истифодаи видео, вебинар ва манбаъҳои муосир як усули хеле муассир барои таълим мебошад.

**Методи дахолат ё тағйири шахсият.** Бо истифода аз шеваи дахолат, хонандагон метавонанд дар вазъияти реалӣ шахсияти худро баррасӣ кунанд ва мақсадҳои таълимӣ ба онҳо бештар мувофиқ гардонида шавад. Тавассути ин метод омўзгор ба хонанда аз навгониҳои соҳаи таълим ва маълумотҳои хушҳолкунанда хабар медиҳад, ин ба хонанда кумак мекунад, ки бо имконпазир будан ба худ боварӣ пайдо кунад.

**Гурўҳҳои хурд ва фишорнаоваранда.** Бо вуҷуди он, ки хонандагон якка таҳсил мекунанд, онҳо метавонанд дар гурўҳҳои хурд ҳамкорӣ кунанд. Омўзиш дар гурўҳҳои хурд метавонад муҳити дуруст ва ҳамдигарфаҳмии хонандагонро фароҳам оварад.

**Методи пешгирӣ аз хато.** Тавассути ин метод хонанда аз хато худдорӣ мекунад. Бо шеваи «пешгирӣ аз хато» хонандагон хатои худро мефаҳманд ва усулҳои дурустро барои ба хато роҳ надодан истифода мебаранд. Истифодаи ин методҳо барои хонандагони яккатартиб ба мақсад мувофиқ аст.

**Меҳрубонӣ ва дастгирӣ** барои хонандагони яккатартиб ҷузъи муҳими раванди таълим мебошад, ки таъсири хеле мусбӣ ба рушд ва ҳавасмандии онҳо хоҳад дошт. Меҳрубонӣ ба хонандагон кумак мекунад, ки ҳисси бехатарӣ, оромиш ба омўзиш дошта бошанд. Омўзгор ва волидон бояд ба эҳтиёҷи омўзиш ва эҳсоси хонанда таваҷҷуҳ кунанд.

**Ҳамкории маҳалла бо хонандагони яккатартиб.**

Маҳалла ҳамчун як ҷузъи муҳити иҷтимоӣ метавонад нақши муҳим дар таҳсил ва рушди хонандагони яккатартиб бозад. Метавонад манбаъҳои таълимӣ: мисоли китоб, компутер ва дастгоҳҳои алоқаи интернетиро ба хонанда фароҳам оварад. Ихтиёриёнро ҷалб намояд то аз ҳолати рўҳиву маънавии хонанда доимо хабардор бошанд ва кумаки худро дареғ надоранд. Маҳалла барои чунин хонандагон барномаҳои соати истироҳат ё рўйдодҳои иҷтимоии бофароғат, мисли намоиш, бозиҳои фароғатӣ ташкил намуда, барои хонандагон руҳияи баландро эҷод кунад.

**Заррина РАҲМАТОВА,**
**роҳбари иттиҳоди методии мактаби**
**рақами 79-уми**
**ноҳияи Сариосиёи**
**вилояти Сурхондарё.**

Ҷамоаи рўзномаи «Овози тоҷик» ба раиси Маркази миллӣ-мадании тоҷикони вилояти Фарғона Масъуди Мирзо нисбати вафоти падараш
**Кимсанбой МИРЗОЕВ**
ҳамдардии амиқ изҳор менамояд.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ

Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-228.
Адади нашр 3698. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: М. Мамаҷонова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тўхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 00.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кўчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.